آواز تاجیک

*Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад*

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

**Бани одам аъзои якдигаранд!**

# Овози тоҷик

**18 октябри соли 2023**
**Чоршанбе**
**№ 83 (14990)**

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru


## ЎЗБЕКИСТОН – ЧИН:

# ҲАМКОРИИ ТАРАФАЙН ДАР РОҲИ РУШДИ УМУМӢ ВА ШУКУФОӢ

**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев бо сафари корӣ дар Ҷумҳурии Мардумии Чин қарор дорад.**





Шавкат Мирзиёев 17 октябр бо Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Сзинпин мулоқот анҷом дод.

Масъалаҳои мубрами таҳкими минбаъдаи муносибатҳои дўстӣ, шарикии ҳамаҷонибаи стратегии Ўзбекистону Чин баррасӣ шуданд.

Дар оғози мулоқот Президенти кишварамон ба роҳбари Чин барои даъват ва истиқболи самимӣ изҳори сипос кард.

Сарвари давлатамон Раиси ҶМЧ-ро бо рўзи ташкилёбии Чин ва ҷашни 10-солагии ташаббуси «Як камарбанд, як роҳ» самимона муборакбод намуд.

Дар муддати кўтоҳи таърихӣ ташаббуси «Камарбанд, роҳ» ба як платформаи серталаб, фарогир ва кушодаи ҳамкорӣ ба мақсади ноил шудан ба пешрафт ва шукуфоии муштарак табдил ёфт.

Он чиз маънои амиқи рамзӣ дорад, ки ташаббуси Раиси ҶМЧ «Роҳи сабзи абрешим» бори аввал дар соли 2016 дар Ўзбекистон эълон шуда буд, – гуфт сарвари кишвари мо.

Алоҳида қайд гардид, ки Ўзбекистон тарафдори амиқсозии минбаъдаи муносибатҳои бисёрҷанба бо Чин мебошад.

Барномаи панҷсолаи рушди шарикии ҳамаҷонибаи стратегӣ дар давраи нав татбиқ мегардад.

Татбиқи пайвастаи созишномаҳое, ки дар рафти сафари давлатии Президенти Ўзбекистон ба Чин моҳи майи соли ҷорӣ ба даст омаданд, таҳкими муколамаи сиёсӣ ва дастгирии мутақобила оид ба масъалаҳои муҳим бо қаноатмандӣ таъкид гардид.

Ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва сармоягузорӣ бо суръат инкишоф меёбанд.

Дар тўли солҳои охир ҳаҷми сармояи Чин 5 баробар ва миқдори ширкатҳо 3 баробар афзоиш ёфт. Аз аввали соли ҷорӣ ҳаҷми муомилоти моли мутақобила 36 фоиз афзоиш ёфт. Интизор меравад, ки ин нишондиҳанда то охири сол аз 10 миллиард доллар мегузарад.

Аз он ризоияти тарафайн изҳор гардид, ки барои дар панҷ соли наздик то 20 миллиард доллар расондани муомилоти мол тамоми асосҳо вуҷуд доранд.

Бо иштироки ширкатҳо ва институтҳои молиявии Чин як қатор лоиҳаҳои бузурги сармоягузорӣ дар соҳаи технологияҳои баланд, энергетикаи муқобил, кимё, мошинсозӣ, металлургия, электротехника, навсозии инфрасохтор ва дигар самтҳо амалӣ мешаванд.

Ба васеъ гардондани портфели лоиҳаҳои баландтехнологӣ бо роҳи ташкили муштараки истеҳсоли маҳсулоти инноватсионӣ бо арзиши баланди иловагӣ манфиатдорӣ зоҳир карда шуд.

Ба сатҳи бадастомадаи ҳамкориҳои судманд бо бонкҳои бонуфузи Чин ва Фонди «Роҳи абрешим» баҳои мусбат дода шуд.

Вусъат ёфтани робитаҳои байниминтақавӣ қайд гардид. Аз аввали сол ҳайатҳои вакилони ҳудуди мухтори Шинҷон-Уйғур, музофоти Шэнси, Шандун, Сзянсу ва Сзянси ба Ўзбекистон сафар карданд.

Ба мубодилаи пурсамари таҷриба ва ҳамкории амалӣ дар соҳаи омўзиш ва ҷорӣ кардани таҷрибаи Чин дар мубориза бо камбизоатӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шуд.

Барои баррасии рафти татбиқи ҳамаи созишномаҳо баргузор намудани ҷамъомади навбатии Кумитаи байниҳукуматӣ пешниҳод шуд.

Роҳбарони ду мамлакат ба ҳамкориҳои пуршиддат дар соҳаи фарҳанг, маориф ва сайёҳӣ баҳои баланд доданд. Барои дастгирии ҷониби Чин аз ташаббуси «Соли фарҳанг ва санъати халқҳои Осиёи Марказӣ ва Чин» эълон шудани соли 2023 изҳори сипос карда шуд.

Чанде пеш дар Осорхонаи миллии абрешими Хуанчжоу муаррифии Ўзбекистон баргузор шуд. Экспозитсияи мероси таърихии мо дар намоишгоҳи Ҳамкории бостоншиносӣ дар чаҳорчўби ташаббуси «Камарбанд ва роҳҳо» дар осорхонаи қасри «Гугун» дар Пекин ба намоиш гузошта шуд.

Дар охири моҳи октябр баргузор намудани Рўзҳои фарҳанги Чин дар Ўзбекистон ба нақша гирифта шудааст. Баҳори оянда дар Чин Рўзҳои фарҳанги Ўзбекистон баргузор мешаванд.

Баланд шудани шавқу рағбат ба омўзиши забони чиноӣ дар Ўзбекистон, хусусан дар байни ҷавонон бо қаноатмандӣ қайд гардид. Дар ин бобат фаъолияти пурсамари Донишкадаи Конфутсӣ дар Тошканд ва Самарқанд ҳиссаи калон мегузорад. Нақшаҳои вусъат додани таълими забони чиноӣ ва мубодилаи олимони ҷавон ба нақша гирифта шудааст.

Президенти Ўзбекистон пешниҳод намуд, ки дар Тошканд филиалҳои мактабҳои олии бонуфузи Чин – Донишгоҳи Синхуа ва Донишгоҳи Пекин кушода шаванд.

Аз рўи масъалаҳои мубрами рўзномаи минтақавӣ ва байналмилалӣ мубодилаи афкор ба амал омад.

Тағйирнопазир будани мавқеъ дар масъалаҳои дастгирии сиёсати «Чини ягона» ва мубориза ба муқобили «се қувваи бадхоҳ» тасдиқ карда шуд.

Дар натиҷаи вохўрӣ оид ба қабул намудани «Харитаи роҳ» ҷиҳати татбиқи ташаббусҳои ба миён гузошташуда тавофуқ ҳосил шуд.

Дар анҷоми музокирот сарвари давлати мо Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чинро даъват намуд, ки ба Ўзбекистон ташриф оварад.

Мулоқот дар фазои анъанавии эътимоднок, ошкоро ва дўстона гузашт.

Дар Толори ҷамъомади мардумӣ дар шаҳри Пекин маросими расмии истиқболи сарони ҳайатҳои иштирокдори Форуми сеюми байналмилалии «Як камарбанд, як роҳ» баргузор гардид.

Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёевро бо рафиқааш Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Сзинпин бо ҳамсараш тантанавӣ пешвоз гирифтанд.

Дар маросим инчунин Котиби генералии Созмони Милали Муттаҳид Антониу Гутерриш, Президентҳои Русия Владимир Путин, Қазоқистон Қосим-Ҷомарт Тоқаев, Сарвазири Венгрия Виктор Орбан, иҷрокунандаи вазифаи Сарвазири Покистон Анвар ул-Ҳақ Какар, Роҳбари миллии халқи Туркманистон, Раиси Халқ Маслаҳатии Туркманистон Гурбангулӣ Бердимуҳамедов, сарони давлат ва ҳукуматҳои як қатор дигар давлатҳо иштирок карданд.

Ба меҳмонони олиқадр барномаи консертии театрикунондашуда пешкаш карда шуд.

Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев дар доираи сафари корӣ дар Чин бо Президенти Ҷумҳурии Сотсиалистии Ветнам Во Ван Тхионг мулоқот анҷом дод.

Масъалаҳои густариши ҳамкориҳои мутақобилан судманди байни ду кишвар, пеш аз ҳама дар соҳаи тиҷоративу иқтисодӣ баррасӣ шуданд.

Таъкид кардан ҷоиз аст, ки Ветнам шарики муҳими Ўзбекистон дар минтақаи Осиёву Уқёнуси Ором ба ҳисоб меравад. Солҳои охир робитаҳо дар сатҳҳои гуногун вусъат ёфта, ҳаҷми муомилоти моли мутақобила ва шумораи корхонаҳои муштарак меафзояд. Лоиҳаҳо дар соҳаи кишоварзӣ ва моҳипарварӣ татбиқ мегарданд.

Имкониятҳои кооператсияи ширкатҳои пешқадам дар маҷмўи нафту газ, мошинсозӣ, электротехника, кимё, бофандагӣ, пойафзор, мебел, саноати хўроквориӣ ва дигар соҳаҳо, аз ҷумла дар доираи минтақаҳои махсуси иқтисодӣ ва паркҳои саноатӣ қайд карда шуд.

Президенти Ўзбекистон раиси холдинги индустриалӣ-саноатии «Amer International» Ван Вэнинро қабул кард.

Ҳамчун яке аз конгломератҳои пешбари Чин, «Amer International» лоиҳаҳоро дар соҳаҳои технологияҳои баланд, электроника ва саноати нимноқилҳо, соҳаҳои истихроҷ ва азнавкоркард амалӣ менамояд. Ширкат ба рейтинги ҷаҳонии «Fortune 500» дохил карда шудааст. Дар Чин ва хориҷи кишвар лоиҳаҳои арзиши умумиашон беш аз 60 миллиард доллар татбиқ мегарданд.

Ван Вэнин қайд кард, ки барномаи ислоҳоти ҷорӣ дар Ўзбекистон шароити мусоид фароҳам оварда, барои фаъолияти ширкатҳои хориҷӣ, бахусус чинӣ имкониятҳои васеъ фароҳам меорад.

Таъкид гардид, ки ширкат кишвари моро самти асосии тиҷорат дар минтақаи Осиёи Марказӣ медонад.

Лоиҳаҳои пешомаднок оид ба коркарди амиқ ва истеҳсоли маҳсулоти серталаби инноватсионии мис бо арзиши баланди иловагӣ, аз ҷумла молҳои электротехникӣ, батареяи аккумуляторҳо барои мошинҳои барқӣ, микроэлектроника ва нимноқилҳо баррасӣ шуданд.

Дар бораи иштироки раиси ширкати «Amer International» дар кори Шўрои сармоягузорони хориҷӣ ва ифтитоҳи намояндагии минтақавӣ дар кишвари мо, инчунин қабули «харитаи роҳ» ҷиҳати суръат бахшидан ба лоиҳаҳои муштараки инноватсионӣ созиш ҳосил шуд.

Чорабиниҳои асосии Форум фардо, 18 октябр баргузор мешаванд.

**ЎзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

# ҶОРӢ КАРДАНИ МАНБАЪҲОИ БАРҚАРОРШАВАНДАИ ЭНЕРГИЯ БАРОИ ЧӢ МУҲИМ АСТ?

***Солҳои охир дар кишварамон оид ба ҷорӣ намудани низоми «иқтисодиёти сабз» дар соҳаҳои саноат, баланд бардоштани самаранокии энергетикӣ дар соҳаи иҷтимоӣ ва васеъ намудани истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия корҳои бузург амалӣ карда мешаванд.***

Зеро, истифодаи самараноки манбаъҳои барқароршавандаи энергия имкон медиҳад, ки миқдори газҳои зараровар ба муҳити зист кам карда, захираҳои сарватҳои зеризаминӣ сарфа карда шаванд.

Ўзбекистон дар ин бобат иқтидори хеле васеъ дорад ва кишвари мо на танҳо бо табиати нотакрори чор фасл, сарватҳои нодири зеризаминӣ ва рўизаминӣ, балки бо хусусиятҳои беназири худ – осмони офтобӣ, фароххои шамол, дарёҳои пурқувват, захираҳои биологӣ низ ҷудо шуда меистад.

Дар тўли давраи гузашта дар мамлакати мо бобати гузаштан ба энергияи барқароршаванда корҳои бузург анҷом дода шуданд. То соли 2026 дар назар аст, ки ҳиссаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия то 25 фоиз расонда шавад.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

# ДАР ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ – МАКОНИ САБЗ БО ҲАМ ЗИНДАГӢ КУНЕМ!



## МУРОҶИАТИ

***фаъолони маҳаллаҳо, намояндагони насли калонсол, зиёиён, занону ҷавонони Ўзбекистон ба мардум***



**Ҳамватанони азиз!**

Чуноне ки маълум аст, сайёраи Замин – Ватани ягонаи тамоми инсоният. Замин – манбаи ҳаёт. Он ба одамон ҳама чизи заруриро саховатмандона инъом менамояд. Мутаассифона, имрўз дар натиҷаи нодуруст истифода шудани захираҳои обу замин, истифодаи технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ зараровар дар сайёраи мо иқлим тағйир ёфта, гуногунии биологӣ аз байн меравад. Ҳаёти беш аз **8 миллиард** аҳолии ҷаҳон таҳти хатар қарор дорад.

Ба қарибӣ аз минбари СММ Президент Шавкат Мирзиёев оид ба барҳам додани **се мушкилот**, ки ҳаёти башарро зери хавф мегузорад – **тағйирёбии иқлим, нест шудани гуногунии биологӣ ва ифлосшавии муҳити атроф ташаббусҳои муҳимро** пеш гузошт.

Сарвари давлатамон 11 октябри соли ҷорӣ дар ҷамъомади видеоселекторӣ инчунин дар ин самт як қатор пешниҳодҳои аҳамиятнокро изҳор намуда, вазифаҳои афзалиятнокро муайян кард. Инак, аз **25 октябр то 1 декабр** дар кишвар **«мавсими ниҳолшинонии тирамоҳӣ»** эълон шудааст.

Мо аз ташаббусҳои Президенти кишвар илҳом гирифта, аз номи халқи сермиллатаи мо, ки ҳамеша бо табиати маҳбуб дар ҳамбастагӣ зиндагӣ менамояд, барои ҳифзи покию пойдории муҳити зист саъй мекунад, ҳамаи шумо, тамоми халқамонро даъват менамоем, ки ғояи неки **«Дар Ўзбекистони Нав – макони сабз бо ҳам зиндагӣ кунем!»**-ро дастгирӣ намоед.

*(Давомаш дар саҳ.4).*

# ҶОРӢ КАРДАНИ МАНБАЪҲОИ БАРҚАРОРШАВАНДАИ ЭНЕРГИЯ БАРОИ ЧӢ МУҲИМ АСТ?

(Аввалаш дар саҳ.1).

Ин маънои дар як сол сарфа кардани 3 миллиард мукаабметр гази табииро дорад. Бо ин миқдор газ бошад, 1 миллион хонаводаро дар тӯли як сол бо газ таъмин кардан мумкин. Ё ин ки бо истифода аз ин миқдор газ ба таври илова 15 миллиард киловатт-соат қувваи электр ҳосил кардан мумкин аст. Ин бошад, барои он ки 98 фоизи аҳолии Ӯзбекистон дар тӯли як сол бо барқ таъмин карда шавад, кифоя аст.

Инчунин дар кишвари мо лоиҳаҳои азим ҷиҳати ба кор андохтани 19 неругоҳи фотоэлектрикии офтобӣ бо иқтидори умумии 3977 мегаватт ва 7 неругоҳи шамол бо иқтидори умумии 3100 мегаватт амалӣ мешаванд.

Дар натиҷаи ин саъю ҳаракатҳо дар моҳи августи соли 2021 дар ноҳияи Карманаи вилояти Навоӣ дар Ӯзбекистон аввалин неругоҳи калони фотоэлектрикии офтобии 100 мегаватт ба кор андохта шуд.

Ҳамин тавр, моҳи майи соли 2022 дар ноҳияи Нурободи вилояти Самарқанд неругоҳи дуюми фотоэлектрикии офтобии иқтидораш 100 мегаватт ба фаъолият шурӯъ кард. Дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон бошад, ба нақша гирифта шудааст, ки неругоҳи барқии бодии иқтидораш 15 гигаватти дар Осиёи Марказӣ калонтарин сохта шавад. Он 1 миллиону 650 ҳазор хоҷагиро бо қувваи электр таъмин карда, дар як сол пеши роҳи ба атмосфера баромадани 2 миллиону 400 ҳазор тонна газҳои зарарнокро мегирад.

Умуман, рушди манбаъҳои барқароршавандаи энергия дар рушди устувори кишвар хеле муҳим аст. Чунин манбаъҳои энергетикӣ «тоза» номида мешаванд, зеро онҳо ба муҳити зист зарар намерасонанд. Ин заминаи устувори рушди солими фарзандон ва наслҳои ояндаи мост.

Новобаста аз он ки энергияи сабз то чӣ андоза муфид ва ҷолиб аст, ҳеҷ шакке нест, ки он инчунин ҳалли технологияҳои баланд ва сармоягузориҳои бузургро талаб мекунад. Илова бар ин, масъалаи беталаф ба истеъмолкунанда расонидани неруи барқи аз манбаъҳои алтернативии энергия истеҳсолшуда низ ба миён омадааст. Ин ҷо сухан боз дар бораи навсозӣ, модернизатсияи инфрасохтори кӯҳна, (ислоҳ кардани онҳо мутобиқи талаботи замон ва нишондодҳои сифат), аз ҳама муҳимаш, ҳарчи зудтар оғоз намудани ин корҳо меравад.

Мо роҳи дигар надорем. Ба амал овардани дигаргуниҳои ҷиддӣ дар соҳа, пеш аз ҳама, боиси аз бюҷети давлатӣ баровардани миллиардҳо маблағҳои субсид, ки ба назорати нарх нигаронида шудаанд, мегардад. Ин маблағҳоро ба лоиҳаҳои инноватсионии марбут ба рушди энергетика дар Ӯзбекистон ва навсозии инфрасохтор равона кардан мумкин аст. Агар имрӯз ислоҳот дар ин бахш амалӣ нашавад, фардо қатъшавии бештари қувва ба мушоҳида мерасад.

Ин боиси аз кор мондани корхонаҳои саноатӣ, кам шудани истеҳсолот ва дар натиҷа якбора коҳиш ёфтани ҷолибияти сармоягузорӣ мегардад.

Хулоса, нархи барқ дар асоси принсипи бозор аз нав мавриди баррасӣ қарор дода нашавад, фардо дар маҳалҳо боиси ноустувории барқ мегардад. Бо чунин муносибат, ки фарқи байни нархи фурӯш ва арзиши аслиро «давлат мепӯшонад» масъала ҳал намешавад.

**Носирҷон АМИНОВ,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**




*Дар доираи «Форуми духтарон», ки дар вилояти Бухоро баргузор шуд, чорабиниҳои зиёд ба амал татбиқ гардиданд. Аз ҷумла, дар «Форуми овози духтарон», ки бо ҳамкории саридораи оила ва занону духтарон, шуъбаи вилоятии Маркази маънавият ва маърифати ҷумҳурӣ ва идораи корҳои дохилии вилоят дар Донишкадаи тиббии Бухоро таҳти шиори «Духтарон — такягоҳи миллат» баргузор гардид, беш аз ҳазор нафар бонувон ширкат варзиданд. Иштирокдорони форум дар бораи имкониятҳое, ки ҷиҳати баланд бардоштани фаъолнокии занону духтарон дар ҳаёти иҷтимоиву сиёсии мамлакатамон муҳайё шудааст, гуфта гузаштанд.*

*Инчунин, дар Маркази ҷавонони шаҳри Бухоро бо ҳамкории саридораи кор бо ҷавонони вилоят бозии интеллектуалии «Заковат» низ рӯйи кор омад, ки дар он беш аз 100 нафар донишҷӯдухтарони муассисаҳои таълими олии вилоят иштирок намуданд.*

***Дар сурат:** лавҳа аз чорабинии «Форуми духтарон».*

***Суратгир: Т. ИСТАДОВ (ӮзА).***

# МАСЪАЛАҲОИ МУҲИМИ МАЪРӮЗА МУҲОКИМА ГАРДИДАНД

***Дар Академияи бонку молия бахшида ба «Маърӯзаи Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ш. Мирзиёев дар иҷлосияи 78-уми Ассамблеяи генералии СММ, мундариҷа ва моҳияти он ва вазифаи асосие, ки аз он бармеоянд» ҷамъомади иттиҳоди касабаи бозори мол ва истеҳсолгарони маснуоти амвол, савдо ва ташкили хидматрасонии кумитаи муттаҳидаи шаҳри Тошканд баргузор гардид.***

Дар ҷамъомад доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Самариддин Эшмирзоев доир ба масъала ва пешниҳодҳое, ки дар иҷлосия аз тарафи сарвари мамлакатамон пешбинӣ гардида буд, суханронӣ кард.

Тавре ки қайд гардид, роҳбари давлатамон дар маърӯзаи худ доир ба пойдории сулҳу осоиш дар ҷаҳони имрӯза ва ҷиҳатҳои ба худ хоси рушди ҳаёти иқтисодиву сиёсии кишварамон гуфта гузашт, ки аҳли ҷомеа онро бо таваҷҷуҳи хос қабул карданд.

Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки сарвари давлатамон ба он эътибори алоҳида нигаронд, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ мебошад. Аз ҷумла, сатҳи камбизоатӣ дар кишвар аз соли 2017 ду баробар коҳиш ёфт, ки то соли 2030 ба 7 фоиз кам кардани он пешбинӣ шудааст.

Дар ҷамъомад доир ба масъалаи ҳифзи ҳуқуқи меҳнат, аз ҷумла, дар кишварамон пурра бекор карда шудани меҳнати маҷбурӣ, бачагона ва баробарии гендерӣ низ сухан рафт, ки дар ин хусус низ корҳои муназзам анҷом дода мешавад. Аз ҷумла, 49 дарсади донишҷӯёнеро, ки соли гузашта ба донишгоҳҳо дохил шуданд, духтарон ташкил доданд. Ҳиссаи занон дар идораҳои давлатӣ бори аввал ба 35 фоиз расид. Дар бораи ҳимоят аз зӯроварӣ нисбати занон ва ноболиғон қонуни алоҳида қабул шуд.

Масъалаҳои барои кишвар муҳиме, ки оиди тағйирёбии иқлим, ифлосшавии муҳити зист, таъминоти об ва ғайра, ки аз тарафи роҳбари давлатамон дар иҷлосияи 78-уми Ассамблеяи генералии СММ таъкид гардид, мавриди муҳокима қарор гирифт.

Дар охир раиси иттифоқи касабаи соҳаҳои мазкур Дилфуза Исмоилова таъкид кард, ки мавзӯъҳои мазкур дар таҳияи барнома ва нақшаҳои ташкилотҳои ибтидоии иттифоқҳои касаба молики аҳамият аст.

**Набия НОДИРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Барномаи умумимиллии «Макони сабз»*

# ОҒОЗИ МАВСИМИ НАВИ НИҲОЛШИНОНӢ ВА ХУРРАМСОЗӢ

***Одатан мавсими киштукор ва ниҳолшинонӣ-хуррамсозии гирду атроф дар аввалбаҳор ва охири зимистон ба амал бароварда мешавад. Саҳл кам ду сол қабл – ноябри соли 2021 роҳбари давлати мо баҳри амалӣ гардидани боз як падидаи нек – сабз гардондани ҳар гӯшаи ин сарзамин ташаббус нишон дода ва ба Барномаи умумимиллии «Макони сабз» асос гузошта буд. Инак,лоиҳаи ҳар сол шинондани 200 миллион бех ниҳолу бутта (тирамоҳ-85 млн. бех ва баҳор – 125 млн) ба амал татбиқ мегардад. Зимни ҷамъомаде, ки таҳти раисии Президент ба наздикӣ доир гашт, боз ин масъала мавриди баррасӣ қарор гирифт.***

Навъе таъкид ёфт, дар давоми ду соли охир бештар аз 1,2 ҳазор гектар майдони собиқа бекорхобида ба боғ ва паркҳои ҷамоатӣ табдил ёфт. Ҳудудҳои сабз бошанд бештар аз 1 миллион гектарро фаро гирифтанд. Аз ҳама муҳимтараш дар ҷамъият муносибат ба модар-табиат, ки ҳамеша ба парваришу навозиш ниёз дорад, тағйир ёфт. Ба кадом як маъно одамон ба ниҳолҳо тавре ба тифл нигоҳубин мекунанд, нигоҳубин мекардагӣ шуданд. Дар корҳои сабзу хуррамсозӣ баробари кормандону хидматгузорони идораҳои ободгардонӣ фаъолони маҳаллаҳо ва роҳбарони дараҷаҳои гуногун, арбобони ҷамоатӣ, собиқадорон – нурониён, санъаткорону варзишгарон, омӯзгорону толибони илм фаъолона иштирок карданд, гуфта шуд дар ҷамъомад.

Мавсими ниҳолшинонӣ аз 25 октябр то 1 декабр идома хоҳад кард. Ба он эътибор дода мешавад, ки мардуми аз ҳафт то ҳафтодсола ба ин гуна корҳои хайру савоб боз ҳам некбинона нигаранд, ба ниҳолшинонию хуррамгардонии гирду атроф мазмуну моҳияти тоза бахшанд. Барои боз ҳам ҷоннок-созии ҳаракатҳое, ки ду сол боз самара мебахшанд ва ба симои шаҳру деҳот дигаргунӣ мебахшанд, Штаби ҷумҳуриявӣ ташкил мегардад. Масъулони Академияи фанҳо, институтҳои ҷангалпарварӣ, роҳбарони хоҷагиҳои ҷангал низ узви ин штаб қарор хоҳанд гирифт. Таҳлилу тадқиқи таркиби хок, бо ба ҳисоб гирифтани иқлим ва шароити маҳал ба куҷо ва кай нишондани ниҳолҳоро штаб муайян мекунад. Омодагӣ ба мавсим, ҷараёни ниҳолнишонӣ, чӣ тавр пеш рафтани корҳои хуррамсозӣ тавассути радио ва телевизионҳои маҳаллӣ равшан карда мешавад.

Дар амалӣ гардондани Барномаи умумимиллӣ, мутаассифона, баъзе норасоиҳо низ ба чашм расиданд. Қисмате аз ниҳолҳо бинобар дар ҷойҳои лалмӣ шинонда шудан ва сари вақт обёрӣ надидан хушк шуданд. Нафақат меҳнат барбод рафт, айни замон ниҳолакон вубол гаштанд. Аз хушкшавии ниҳолҳои бе парваришмонда коҳидани табъҳо як ҳолати табиист. Ҷуз ин маълум гашт гоҳо ниҳолҳо нодуруст интихоб карда шуда ва ба муҳити маҳал созгор нестанд. Изофанависӣ дар ниҳолшинонӣ низ фош гардид. Чунончи, як қатор норасоиҳо дар ин хусусро Сарпрокуратура дида баромад. Маълум шуд худи ҳамин сол бинобар дар ҷойҳои обёринашаванда шинонда шудан дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон ҷамъ 333,1 ҳазор бех ниҳол нобуд шуд. Ҷамъ 136,1 ҳазор ниҳол, ки дар асл шинонда нашудаанд, ба ҳисобот дароварда шуданд ва ҳоказо. Тақрибан 30 фоизи ниҳолҳои нишондашуда аз ҷониби хидмати ободонии ноҳияи Оҳангарони вилояти Тошканд бинобар беобӣ ва бе парвариш мондан хушк шуданд. Ин гуна ҳолатҳо дар вилояти Сирдарё низ ба чашм расид, ки боиси ташвишу нигаронист. Онҳое, ки дар амалисозии лоиҳаи «Макони сабз» бемасъулиятӣ кардаанд, ба ҷазо кашида шуданд.

Роҳбари давлатамон гуфт хатоҳои пештара набояд такрор шаванд.

Акнун канори роҳҳои автомобилӣ ва роҳҳои оҳан, соҳили дарёву рӯдҳо, ки бекор хобидаанд, ба соҳибкорон ба тариқи иҷора супурда мешавад. Барои он ки шавқу рағбати аҳолӣ ва соҳибони кор ба ниҳолшинонӣ ва хуррамсозӣ зиёд карда шавад, чораҳо андешида мешавад.

Ҳамаи кор, албатта, ба маблағ вобаста. Баъд аз ин маблағҳои корҳои ҷамоатии Вазорати шуғл ба худи маҳаллаҳо равона карда мешавад. Ба корҳои дарахтнишонӣ, чорабиниҳое, ки ба ободонию хуррамгардонӣ нигаронда шудаанд, он маблағҳо сарф хоҳанд гашт.

Агентии хоҷагии ҷангал яке аз масъулони амалигардии иқдоми накӯст. Он вазифадор шудааст ба ҳар як маҳалла 200 бехӣ ниҳолро ройгон тақдим намояд. Ҷуз ин ҳар як ҳокими вилоят ба маҳаллаҳои қаламрави хеш расонда додани ҷамъ 300 ҳазор бех ниҳолро ба ӯҳда гирифтааст.

Дар баробари масъулону мутахассисон аҳолие, ки ба ин кор банд аст, бояд донад, ки кадом ниҳол ба кадом иқлим хосу мос ва дар куҷо нағз месабзад. Хуб мешавад акнун интихобкунии ниҳолҳо бо маслиҳат ба роҳ гузошта шаванд. Ғайр аз ин ба ҳисоб гирифтани маслиҳати мӯйсафедони рӯзгордида, ки таҷрибаи чандинсола доранд, аз манфиат холӣ нест.

Ба нақша даромадааст хоҷагиҳои ҷангал бо нишондани боз 5 миллион дона ниҳолу бутта бой гарданд. Атрофи партовхонаҳо низ намуди дигар гиранд, ба ҳудудҳои корхонаҳои калони саноатӣ «тасмаи сабз» зебоии дигар бахшад. Майдонҳои киштро, айни замон, дарахтони сарсабз иҳота намоянд. Дар ҳудуди шифохонаву муассисаҳои таълимӣ, баробари ин, ниҳолҳои нав худнамоӣ хоҳанд кард.

Масъалаву муаммои баҳри Арал ба ҳамаамон маълум. Яке аз роҳҳои ҳалли масъалаи экологӣ ва ҳифзи ин қаламрав – барпо сохтани боғот дар ҷойҳои хушкшудаи баҳр. Сабзгардонӣ дар масоҳати 100 ҳазор гектар умед аст дар наҷоти баҳри Арал нақши муҳим бозад.

Муҳимтарин вазифа дар ин самт беҳтарнамоии парвариши ҳудудҳои сабз. Бо ин мақсад масъалаи такмил додани фаъолияти зершуъбаҳои идороти ободгардонӣ дида баромада мешавад. Ҷуз ин бобати ба сектори хусусӣ супоридани хидматҳои ободгардонии шаҳру ноҳияҳо чораҳо андешида мешаванд. Ҳамон сектор дар корҳои хуррамсозии кӯчаву гузар ва майдонҳои холӣ иштирок карда метавонад, ки дар озмунҳо ғолиб омадааст.

Президент дар ҷамъомад таъкид карда буд, ки ҳар ниҳол ва ҳар гӯшаи сабз бояд соҳиб дошта бошад. Ба ин маънӣ суханон дар вохӯрии ӯ бо як гурӯҳ сокинони маҳаллаҳои Оқтеппа ва «Боғзор»-и ноҳияи Чилонзори пойтахт аз нав гуфта шуданд. Зимнан, вай дар маросими хуррамсозии гирду атрофи манзилҳои истиқоматии ин мавзеъҳо ширкат ҷуста, ба мавсими нави «Макони сабз» шахсан старт бахшид. Вай гуфт агар ҳар хонадон як дарахт сабз кунад, диёрамон хеле хуррам хоҳад гашт. Касе ниҳол шинонд ва онро ба воя расонад, як умр бо ифтихор «ин дарахти ман» гуфта метавонад.

**М. ШОДИЕВ.**

## ХАБАРҲО

### ҲАМКОРИҲО САМАРА МЕБАХШАНД

***Аз ҷониби Вазорати таълими олӣ, фан ва инноватсия ба ҳафтавори ғояҳои инноватсионӣ таҳти шиори «Таълими креатив ва инноватсия – асоси тараққиёти Ӯзбекистони Нав» старт дода шуд ва нахустин чорабинӣ дар доираи ҳафтавор Форуми соҳибкорони Ӯзбекистон ва Эрон қарор гирифт.***

Тадбирро ҷонишини раиси Палатаи савдою саноат Равшан Отабоев кушод ва гуфт вақтҳои охир муносибатҳои ҳамкорӣ дар ҷабҳаҳои гуногун байни ду мамлакат ривоҷ меёбанд. Дар равобити ба ҷонибҳо судманд ҳамкории доираҳои корчаллон мавқеи муҳим дорад.

Соҳибкорон аз Эрон, вакилони илму фан ва бештар аз 100 нафар намояндагони ширкатҳои маҳаллӣ иштирокдори форум мебошанд. Намояндаи сафоратхонаи Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Ӯзбекистон Ҳусейн Парвариш таъкид сохт робитаҳои тиҷоратӣ байни ду мамлакат торафт аҳамияти бештар касб менамояд. Айни ҳол ҳамкориҳо дар самтҳои кишоварзӣ ва соҳаи IT бештар самара мебахшанд.

### АЗ ПАЙИ ИСЛОҲОТ

***Дар идоракунии хидматҳои роҳи оҳани Ӯзбекистон дигаргуниҳо ба амал меоянд. Яке аз навигариҳо – нуқта гузоштан ба ҷараёни хусусисозии саҳми давлатӣ дар ҶС «Ӯзтемирйӯлконтейнер».***

Мақсад гузошта шудааст дар доираи ба ширкати холдингӣ табдил додани «Ӯзбекистон темир йӯллари» ҳамчун Ҷамъияти саҳҳомӣ «Темирйӯлкарго» аз нав ташкил карда шавад. Рақамигардонии ҷараёни тиҷоратӣ дар соҳаи нақлиёти роҳи оҳан, дар соҳа ҷорӣ сохтани усулҳои замонавии идоракунӣ, истифодаи самаранок аз салоҳияти транзитии ҷумҳуриявӣ, кам гардондани арзиши аслӣ ва хароҷот дар боркашонӣ низ аз вазифаҳои муҳим дар идоракунии роҳи оҳан аст, ки имрӯзҳо, тавре ишора рафт, аз паи ислоҳ ва навсозиҳост.

### АРЗОНШАВИИ БИЛЕТ БА МУНОСИБАТИ МОҲОНА

***Ба муносибати моҳонаи сайёҳӣ Uzbekistan Airways барои калонсолон (мардҳои аз 60, занҳои аз 50 боло) барои парвозҳои дохилӣ арзонии 25 фоизаи нархи чиптаҳоро эълон намуд.***

Арзоншавӣ аз 1 ноябр то 30 ноябр идома хоҳад кард. Авиабилетҳоро аз филиали ширкате, ки зикр шуд, инчунин агентиҳои авиакомпания дар Ӯзбекистон харид кардан мумкин. Аснои харид паспорт ва ё кортаи ID талаб карда мешавад.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

*18-уми октябр – Рӯзи шаҳри Самарқанд*

# САМАРҚАНД: РИВОЯТ ВА МАЪНОИ АСЛӢ



***Устоди устодон, марди хирадманду ҷоннисори илму фарҳанг, узви Академияи улуми Ӯзбекистон, шодравон Ботурхон Хилъатпури Валихоҷа ҳамчун фарзанди фарзонаи Самарқанд нисбати шаҳри бостонии хеш хеле корҳои ибратбахшу лоиқи таҳсин оиди таърихи он бурдааст, ки аз бойгонии устод қисми муҳимашро ба ҳукми мухлисони рӯзномаи «Овози тоҷик» ҳавола мекунем.***

Таърихи Самарқанди бостонӣ аз давраҳои қадим диққат ва эътибори муаррихон, фозилон, адибон ва сайёҳони юнонзамин, чин, арабу аҷам, арман, аврупо ва ғайраро ба худ кашида, оиди ин шаҳри ҷаннатмисол офарида шудани таълифоти рангоранг гардидааст ва дар онҳо масъалаҳои гуногуни таърихӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, маданӣ ва адабӣ мавриди баҳс қарор гирифтаанд. Илова бар ин, муаллифони осор ва дӯстдорони ин шаҳри Машриқзамин оиди ном ва сабаби номгузорӣ ба он низ мулоҳиза ва ақидаҳои худро баён кардаанд, ривоят ва ҳикоятҳои дилошӯб офаридаанд.

Баъзе аз он ҳикоят ва ривоятҳо дар «Самария» ва дигар асарҳо дарҷ шудаанд, баъзеашон бошанд, ба тарзи шифоҳӣ аз даҳон ба даҳон гузашта, омада истодааст. Оиди инҳо камина ҳанӯз соли 1964 дар анҷумани илмии эроншиносон, ки дар шаҳри Тошканд баргузор гардида буд, маърӯза карда, соли 1965 мақолаи «Манзумаи Самару Қанд» дар ин мавзӯъ интишор гардид. Баъд дар рисолаи «Нафаси асрҳо» (1970) низ ин мавзӯъ идома ёфт. Аз ин ҷост, ки дар ин маврид аз такроран овардани онҳо худдорӣ намудан маъқул дониста шуд. Ҳарчанд чунин аст, бояд мухтасаран хотирнишон кард, ки сабаби номгузорӣ ба шаҳр ба тарзи зайл ривоят карда мешавад: гӯё Самар ном шахсе чашмае канда ва дар атрофи он зистгоҳҳое ба майдон омада, бинобар Самарқанд номида бошанд; боз: гӯё Самар ном шахсе шаҳрро ишғол намуда, канда (хароб карда) бошад, аз ин рӯ Самарқанд гуфта бошанд ва ё гӯё Самар ва Қамар ном бародарон шаҳрро бино карда бошанду аз ин рӯ Самарқанд номида шуда бошад. Дигар ривоят аз ишқи Самар ном ҷавон ва Қанд ном духтар баҳс мекунад ва пас аз марги ин ошиқони ноком ба шарафи онҳо гӯё шаҳрро Самарқанд номида бошанд ва ғайра.

Агар дар ин гуна ривоят ва ҳикоятҳо аз сабаби номгузорӣ баҳс рафта бошад, оиди маънои Самарқанд низ шарҳ ва ривоятҳо мавҷуданд. Баъзеҳо мегӯянд, ки Самарқанд – самараш, яъне меваaш гӯё монанди қанд ширин аст, аз ин ҷиҳат ин тавр (Самарқанд) номидаанд. Ин ҷо бояд хотирнишон кард, ки ҳарчанд ин шарҳ нишонрас аст, вале маънои луғавии калимаро равшан намекунад. Зеро Самарқанд бо ҳуруфи арабӣ бо ҳарфи «син» навишта мешавад ва калимаи «самар» бо «син», маънои ҳикоят, суханро дорад. Агар «самар» бо ҳарфи «се»-и исавӣ навишта шавад, маънои ҳосил, météвaро ифода мекунад, аммо калимаи Самарқанд бо ҳуруфи арабӣ бо ин «се» навишта намешавад. Аз ин ҷост, ки ин калима исавӣ нест. Балки аз калимаи қадимаи авестоист. Бино бар ин маънои аслии калимаи Самарқандро аз давраҳои хеле қадим, аз замонҳои пеш аз солшумории исавӣ-милодӣ бояд ҷустуҷӯ кард.

Агар ба таърихи он давр назар кунем, маълум мегардад, ки дар сарзамини куҳани мо дини зардуштӣ шоеъ буда, оташкадаҳои муқаддас ибодатгоҳи пайравони ин оин буд. Самарқанд низ яке аз шаҳрҳои он давр буд, ки оташкадаи муқаддас дар он вуҷуд дошт ва он ҳамеша фурӯзон буд аз оташи муқаддас. Бино ба маълумоти муаррихон ин оташкада дар шаҳристони куҳан, ки ҳоло Афросиёбаш мехонанд, мавҷуд буд ва баъд аз домана густурдани дини Ислом ба ҷойи ин оташкада масҷиди бузурге сохта шуда будааст. Ин масҷид бошад, ҳангоми ҳуҷум ва истилои муғулон сӯхта, нобуд шудааст.

Ҳамин тариқ, Самарқанд дар даври пеш аз милод чун маркази оини зурдуштӣ оташкадаи бузурги муқаддасро дошт. Дар забони қадимиён оташро «смара» гуфтаанд. «Канда» бошад, ба маънои маҳал, ҷой кор фармуда шудааст. Бино бар ин, «смараканда» маънои маҳалли оташи (оташкадаи) муқаддасро дорад.

Аз ин ҷост, ки муаррихони юнонӣ як ҳарфи ӯро (ҳарфи «с»-ро) соқит карда, ба тарзи «Мараканда» навиштаанд. Вале бошандагони маҳаллӣ ин номро чун «Смараканда», баъдҳо Самарканд ва пас аз истилои араб Самарқанд талаффуз кардаанд.

Бояд гуфт, ки азбаски Самарқанд аз қадим чун шаҳри зебо ва ғанӣ машҳур буд, онро «Сайқали рӯйи Замин» хондаанд.

Таснифи **Зоҳир ҲАСАНЗОДА.**




## МОДАРАМ

*Хотират дар панҷаи пирӣ парешон, модарам,*
*Ҳамчу абри осмони навбаҳорон, модарам.*

*Шуд ба ранги об мӯйи бас сиёҳи ту сафед,*
*Дар нигаҳ ҳамранги мӯйи обшорон, модарам.*

*Бод абри тираи ғам дур аз даври сарат,*
*Нур борад бар сарат хуршеди хандон, модарам.*

*Даҳр бе дидори ту набвад ба ҷуз вайронае,*
*Як туӣ ободии дунёи вайрон, модарам.*

*Поку софу сода кардӣ зиндагонӣ essentially*

**Абдуқаҳҳори МУСО.**

## ХИҶОЛАТ

*Ай Худо, назди ту имонам хиҷолат мекашад,*
*Ҳам нафас, ҳам риштаи ҷонам хиҷолат мекашад.*

*Дар назарҳои гурезонам гурезамро бубин,*
*Пеши чашмони ту чашмонам хиҷолат мекашад.*

*Дар ҳузурат бо хаёли пуч, бо дасти тиҳӣ,*
*Орзуи нобасомонам хиҷолат мекашад.*

*Мешикофад синаи сарбозро тире агар*
*Зиндагӣ аз марги армонам хиҷолат мекашад.*

*Кӯдаке то гушна дар дунёст, дунё сер нест,*
*Дар даҳонам пораи нонам хиҷолат мекашад.*

*Дар нигоҳам ҳарфи пинҳонам табассум мекунад.*
*Дар забонам ҳарфи урёнам хиҷолат мекашад.*

*Фасли изҳори муҳаббатро раҳо кардам, дареғ,*
*Гул ба рӯйи дасти ларзонам хиҷолат мекашад.*

***Назруллоҳи АЗИЗИЁН.***

## *Латифаҳо*

### Дар бораи пул фикр мекард

Омӯзгор аз шогирдон суол кард:

– Чехов, вақте ки осори мондагори худро меофарид, дар бораи чӣ фикр мекард?

Шогирде ҷавоб дод:

– Дар тарбияи инсон, аз ояндаи мо ва зебоиҳои ҷаҳон фикр мекард!

Омӯзгор:

– Воваҷон, чаро ту чизе намегӯӣ?

Вова:

– Он вақт барои ҳар як сатр пули калон медоданд. Чехов ҳангоми навиштани асарҳояш дар бораи пул фикр мекард.

### Чаро бо чашмони пӯшида месарояд?

Максим Горкий дар нишастҳо бо нависандагону актёрон чашмонашро пӯшида суруд мехонд. Аз Чехов суол карданд:

– Чаро Горкий бо чашмони пӯшида суруд мехонад?

Чехов гуфт:

– Горкий дили меҳрбон дорад. Вай аз сурудҳояш азоб кашидани атрофиёнашро бинад, тоқат карда наметавонад. Бинобар ин бо чашмони пӯшида месарояд.

### Китоб ва эълон

Китоби якуми Ҷейм Гвотни ҳеҷ ба фурӯш намерафт. Нависанда ба рӯзнома ба ин маънӣ эълон дод: «Миллионери ҷавону зебо бо духтаре, ки ба қаҳрамони китоби Ҷеймс Гвотни хеле монанд аст, шинос шудан мехоҳад». Китобҳои нависанда дар як шабонарӯз фурӯхта шуданд.

**Тарҷума ва таҳияи Комрони ҲАКИМПУР.**

*Дар адабиёти пурғановати форс-тоҷик жанри тамсил ё масал бесобиқа нест. Намунаҳои беҳтарини он «Калила ва Димна» (дар тарҷума ва такмили Ҳусайн Воизи Кошифӣ), «Мантиқ-ут-тайр»-и Фаридуддини Аттор ва «Баҳориёт»-и Сайидои Насафӣ ба шумор меравад.*

*Бино ба таърифи мутахассисони соҳа дар асари тамсилӣ ё масал хислатҳои гуногуни инсонӣ, ҳодисаҳои иҷтимоӣ ва муносибатҳои одамон тавассути гуфтор, рафтор ва кирдори паррандагон, ҳайвонот ва ҳодисаҳои табиат ба қалам дода мешавад.*

*Хонандагони «Овози тоҷик» нависандаи боистеъдод Юнуси Имомназарро тавассути ҳикояҳои намакин, маҷмӯаи қиссаву ҳикояҳои «Ҷоми саргардон», «Аз санг сахт, аз гул нозук», «Се барги сабз» (китоби дастҷамъии се нафар), романи «Сурху сабз», «Деҳаи зархез» (фолклори деҳаи Эҷ), «Қиссаи ҳоҷӣ» ва сафарномаи «Аз гулгашти Мусалло то Нақши Ҷаҳон»-аш мешиносанд.*

*Нависанда чанде қабл қиссаи тамсилии наверо бо номи «Ҳасрат» ба идораи рӯзнома интиқол додааст. Ҳодиса ва воқеаҳои асар дар деҳае бо номи Аспобод ва манзилҳои гирду атрофи он ба вуқӯъ мепайванданд. Қаҳрамону персонажҳои он аспону харону маймунҳоянд. Муаллиф дар қисса хислату хӯйи гуногуни инсонӣ, ҳодисаҳои иҷтимоӣ ва муносибатҳои одамонро дар мисоли рафтор ва гуфтору кирдори ҳайвонҳо ба қалам додааст.*

*Пайдост, ки дар муассиса, корхона ё хоҷагие роҳбарият нав шавад, кор ранги дигар мегирад, низому тартиби нав ҷорӣ мегардад, ки маҳсули часпу талоши инсонҳост бо роҳу шеваҳои мухталиф...*

*Дар мисоли як деҳа, ё қаря тавассути образи ҳайвонҳо табиӣ ва боварибахш ба қалам додани хислатҳои гуногуни инсонӣ, мисли маҳалгароӣ, хушомаду чоплусӣ, чарбзабонӣ, хиёнату ҷосусӣ, зино, дурӯягӣ, муҳаббати поку беолоиши инсонӣ, содадилию поквиҷдонӣ, адолати иҷтимоӣ, рашк, нотавонбинӣ, зӯроварӣ ва ҳоказо аз нависанда маҳорат ва тавону салиқаро тақозо дорад. Чунин ба назар мерасад, ки муаллиф аз уҳдаи ин кор баромадааст.*

*Инак, баҳогузориро ба зиммаи ноқидон вогузошта, ҳиссаеро аз ин қиссаи марғуб ба хонандагони борикназар пешниҳод менамоем.*

***Бахши адабиёт ва ҳунари «Овози тоҷик».***

***Юнуси ИМОМНАЗАР***

# ҲАСРАТ

***(Қиссаи тамсилӣ)***

...Бо ҳидояту роҳнамоиҳои қозӣ Пайкондам корҳои пулсозӣ бо авҷ идома меёфт. Акнун дар байни бошандагони Аспобод шиори «бародарӣ – баробарӣ» роиҷ шуд. Бӯзинаҳои русто ба думи аспон низ аробаҳои боркаширо бастанд. Хару аспу хачирҳо – чи нару чи мода, чи хурду чи калон, бо ҳам ба кашондани хоку гилу сангу шохаву болору сутунҳо... часпиданд. Дар ин миён аз гӯшаю канори гузарҳо бештар садои ар-ару ҳанг-ҳанги харон ба гӯш мерасид, гумон мекунӣ, ҳар як маҳал табдил ба харистон шудааст. Гӯшдароз ҳамтоёни худро бо навбат ба кор мегирифт, дигар мисли Ёлдор аспе набуд, ки аз як сар ҳамаи онҳоро машғул дорад. Аз ин рӯ, кабки харони пешинаю тозаомада мехонд, сафи бекорони онҳо аз машғулбудагон зиёдтар буд. Ба ҳар ҷое нигоҳ меуфтод, харе ё куррае сайругашт мекард, онҳо ҷустухезкунон пойи хурсандӣ ба замин мезаданду доди ҳангос ба осмон...

Ҳарчанд аксари аспони бумӣ аз пайи тааддию муҷозоти сарварон ба тарсу ҳарос омада буданд, ҳанӯз ҳам чандин аспи худогоҳ намехостанд ҳайсияту асолати худро аз даст диҳанд. Онҳо тавонистанд танҳо то як ҳафта таҳаммул кунанд, маҷбур шуданд дандон ба дандон монда, ҳама ҳою ҳуйи шодиомези гӯшдарозонро бардошта гарданд.

(Давомаш дар саҳ.4).

*Ситораҳои санъат*

# ҲОФИЗИ МАҲБУБИ ДУ ХАЛҚ



*Ба гӯшам мерасад овози форам,*
*Барорад аз дилу ҷонам ҳама ғам,*
*Зи овози хушаш дардам шавад дур,*
*Зи қадду қоматаш чашмам гирад нур.*

Ба муносибати таҷлили Рӯзи ходимони расонаҳои ахбори оммавӣ дар шафати майдони Регистон – тарабхонаи «Муъҷиза» анҷумани фарҳангии бошукӯҳ ба вуқӯъ пайваста буд. Дар он на танҳо аҳли қаламиСамарқанд, инчунин ходимони адабиёт, журналистон, меҳмонони олиқадр аз пойтахт ва сайёҳони хориҷӣ низ ҳузур доштанд.

Қисми расмии чорабинӣ ба охир расида, навбатро ба устодони санъат доданд. Бонуи ширинсухан Шаҳло Аҳророва бо ҳисси масъулият ва ҳаяҷон номи Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон Асадулло Атоуллоевро эълон намуд. Зери қафкубии ҳозирон ба саҳна марди маллаандоми хушқаду қомат ва чеҳрахандон, ки шиму костюмаш ба худаш мезебид, баромад. Мавҷи кафкубӣ ба фалак печид. Ҳофиз бо сипосгузорӣ таъзим намуд ва аввал суруди «Қалам дардамро навис»-ро ба забони давлатӣ иҷро намуд. Сипас ба забони модарӣ суруд оғоз кард:

*Нигори турки тоҷикам кунад сад хона вайрона,*
*Бад-он мижгони тоҷиконаю чашмони туркона...*

Мухлисони бешумор гулдастаҳои тару тоза тақдим карда, барояш комёбиҳои нав ба нав таманно намуданд.

***

*Ба зебу зиннати ин гулшани бехор мехонӣ,*
*Ба шаъни ин диёру халқи шуҳратёр мехонӣ...*

Асадулло дар мактаби миёнаи рақами якуми ноҳияи Ургут таҳсил гирифта, аз бачагӣ ба санъат дил баст. Устоди сахтгир, вале меҳрубону дилсӯз Собирҷон Исмоилов ба ӯ сирри захма ба тор задан, талаффузи калимаҳо, дар саҳна идора кардани худро омӯхт. Маҳз бо дастгирӣ ва ҷонибдории Собирҷон Исмоилов дар анҷуманҳои гуногун ширкат варзида, истеъдоди хешро сайқал дод. Бо тавсеа ва ҳидояти ӯ ба мактаби махсуси санъат рафта, бисёр чизҳоро ёд гирифт.

Соли 1973-юм соҳиби номаи камол шуд ва бо дуои волидайну устодони хайрхоҳ ба пойтахти Тоҷикистон рафта, ба Донишкадаи давлатии санъат ҳуҷҷатҳои худро супурд. Хушбахтона, аз имтиҳонҳои эҷодӣ сарбаланд гузашта, номи донишҷӯро гирифт. Аз ҳунармандони номӣ Аҳмад Бобоқулов, Барно Исҳоқова, Боймуҳаммад Ниёзов, Маҳмудҷон Воҳидов, Шоҳназар Соҳибов, Акашариф Ҷӯраев, Одина Ҳошимов ва дигарон сабақи зиндагӣ, одаму одамгарӣ, суруду таронаҳои мардумӣ омухт, ба мероси фарҳангии аҷдод дилбастагӣ пайдо кард. Ашъори дилоvезу мондагори шоирони классик Рӯдакӣ, Саъдӣ, Хоҷа Ҳофиз, Мавлавӣ, Ҷомӣ, Ҳилолӣ, Туғрал ва муосир Мирзо Турсунзода, Шукӯҳӣ, Боқӣ Раҳимзода, Лоиқ Шералӣ ва Ҷонибек Қувноқ ӯро беш аз пеш мутаваҷҷеҳ сохтанд. Шеърҳои шоирони номбурда аз репертуари ӯ ҷой гирифтанд.

– Дӯсти наздикам, ҳамкасби меҳрубону покизакорам Асадулло дар муҳити савту суруд ба камол расид, садои махмалин дорад, сурудҳои ӯро пиру барно дӯст медоранд, – мегӯяд Ҳунарпешаи мардумии Ӯзбекистон Абдуваҳҳоб Баҳриев. – Ӯ овози форам дорад. Мухлисон аз сурудҳои ӯ ғизои маънавӣ мегиранд, муътақиди Ҳоҷӣ Абдулазиз Абдурасулов мебошад. Чанде пеш дар хона-музейи Ҳоҷӣ Абдулазиз шаби эҷодӣ ва гиромидошти ӯ баргузор гардид. Асадулло бо сурудҳои дилошӯби классикӣ рӯҳи устодро шод кард.

Оре, қаҳрамони навиштаи мо Асадулло Атоуллоев якбора дар осмони санъат ба тобиш наомадааст. Дар олами санъат яке пайдо шудаву фаромӯш шудагон кам нестанд. Аммо Асадулло дар дунёи савту суруд ном ва эҳтирому эътибор пайдо кард.

Ҳоло писараш Комрон ва даҳҳо нафар шогирдон идомадиҳандаи кори ӯянд.

– Устод Асадулло Атоуллоев санъаткори заҳматкашу сермаҳсул, аз ҳама муҳимаш, хоксор, ҳақгӯ ва дилёбу дарёдил аст, – мегӯяд ҳофизи шинохта Шерзод Узоқов. – Мо санъаткорони самарқандӣ Зулфия Рашидова, Иноятулло Раҳмонов, Бахтиёр Мавлонов ва Охунҷон ӯро устоди худ меҳисобем.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

***Ба истиқболи 540-умин солгарди зодрӯзи Заҳириддин Муҳаммад Бобур***

# БАДЕИЯТИ ШЕЪРИ ФОРСӢ-ТОҶИКИИ БОБУР

Суханони калидӣ: шеърҳои форсӣ, забони дарӣ, тоҷикӣ, ғазал, рубоӣ, қитъа, фард, шоҳбайт, зуллисонайн, образи ёру диёр, риндона, тарсеъ, куллиёт.

Ба дасти чоп расидани «Куллиёт»-и шашҷилдаи Заҳириддин Муҳаммад Бобур як ҳодисаи чашмраси фарҳангист. «Куллиёт»-ро метавон мутолиа кард ва аз он ба сифати манбаъ дар корҳои илмию тадқиқотӣ истифода бурд.

Аз ҷумла, метавон доир ба салиқаю иқтидори зуллисонайнии Бобур тадқиқотҳо анҷом дод. То ба нашри мазкур баъзе хонандагон намедонистанд, ки Бобур шеърҳои форсӣ низ дорад. Пеш аз ин «Осори мунтахаб» ва шеърҳои ғаноии якҷилдаи ӯ бо номи «Девон» рӯйи чопро дида буд. Вале аз ин «Девон» шеърҳои форсӣ-тоҷикии Бобур ҷой нагирифта буданд. «Девон»-ро Сабоҳат Азимҷонова ва Азиз Қаюмов ба чоп омода кардаанд. Вале онҳо дар сарсухани «Девон», аз шеърҳои форсии Бобур сухане ба миён наовардаанд. Метавон натиҷа гирифт, ки дар он рӯзгор адабиётшиносон аз мавҷудияти шеърҳои форсии Бобур хабар надоштаанд. Олима ва шоираи афғонистонӣ Шафиқа Ёрқин соли 1983 дар Кобул девони Бобурро бо алифбои ниёгон ба дасти чоп супурда буд.

Хонанда дар «Куллиёт» ба 43 сатр шеъри форсии Бобур рӯ ба рӯ меояд. Ба ҷойи байт корбурди вожаи «сатр» ба он мақсад буд, ки сатри дуюми баъзе байтҳо дастрас нагардидаанд, шеърҳо ба жанрҳо тақсим нашудаанд, манбаъ низ номаълум аст. Баъди дастёбии кишварамон ба истиқлол намунаҳои шеъри форсии Бобурро Шафиқа Ёрқин ба мутахассисони ӯзбекистонӣ пешниҳод намуд. Бад-ин тариқ, мероси ғаноии форсӣ-тоҷикии Бобур ба илми бобуршиносии Ӯзбекистон ошкор гардид. «Ашъори форсӣ»-и Бобур шомили ҷилди 1-уми «Девон» гардидааст. Муаллифи сарсухан Мирзо Кенҷабек нигоштааст, ки ба «Куллиёт» бори нахуст ғазал, рубоӣ, қитъа ва фардҳои форсии Бобур дохил карда шудаанд. Вале дар ин асар низ доир ба аз кадом манбаъ гирифта шудани ашъори форсии ӯ маълумоте нест.

Қабл аз ҳама таъкид карданием, ки Заҳириддин Муҳаммад Бобур мутафаккир ва шоири зуллисонайни муқтадирест. Ин фазилат дар ӯ модарзодӣ ва сулолавист, ки ҳақиқати бебаҳс аст. Вақте мо осори туркии Бобурро мутолиа менамоем, итминон ҳосил мекунем, ки ӯ аз забон ва адабиёти форсӣ-тоҷикӣ вуқуфи комил доштааст. Дар осори туркии ӯ вожаву ибора ва байту мақолҳои форсӣ-тоҷикӣ фаровон мавриди истифода қарор гирифтаанд. Олимони бобуршинос дар тадқиқотҳои хеш дар ин хусус изҳори ақида кардаанд. Мисолан, Бобур дар сардии зимистон вақте дар байни сарбозонаш мемонад, дар навиштааш барои ифода кардани ин ҳолат аз мақоли форсӣ-тоҷикӣ: «Марг бо ёрон – сур аст» истифода мекунад.

Бино ба мероси форсӣ-тоҷикии дар «Куллиёт»-и шашҷилдаи Бобур метавон доир ба тавону салиқаи ӯ дар ин забон мулоҳиза ронд. Пайдост, ки форсӣ-тоҷикӣ-дарӣ, ки ҳар кадом шеваи баёни худро доранд, дар асл як забонанд, ки онро форсӣ гӯянд. Забони форсии Бобур ба мисли шеваи баёни Рӯдакӣ басе сода мебошад. Бадеияти осори Абулқосими Фирдавсӣ, Низомии Ганҷавӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Ҷалолуддин Румии Балхӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Саъдии Шерозӣ нисбат ба бадеияти ашъори Бобур печидатар аст. Форсии Бобур мисли форсии тоҷикони Самарқанду Бухоро ва Қашқадарёву Сурхондарё содаву оммафаҳмтар мебошад. Дар шеваи баёни ӯ таркибҳои мураккаби грамматикӣ ва калимаву ибораҳои душворҳазм ба назар намерасанд. Ин аз он далолат медиҳад, ки Бобур дар муҳити зуллисонайнии туркиву тоҷикӣ ба воя расидааст. Бо дарназардошти фикрҳои болоӣ мо метавонем ба ҷойи ибораи «Шеърҳои форсии Бобур», ибораи «Шеърҳои тоҷикии Бобур»-ро ба кор барем.

Шеърҳои форсии тоҷикии Бобур дар чор жанри ғаноӣ: ғазал, рубоӣ, қитъа ва фард офарида шудаанд. Бобур фардҳои худро дар қавсайн (маталҳо) номидааст. Таркиби шеърҳои форсии тоҷикии Бобурро 2 ғазал, 12 рубоӣ, 7 қитъа ва 17 фард ташкил медиҳад. Ин шеърҳо дар маҷмӯъ аз 69 байт иборатанд. Пас, Бобур чун дар назми туркӣ, дар назми форсии тоҷикӣ низ сермаҳсул нест.

Ҳарчанд шеърҳои туркию тоҷикии Бобур каманд, аммо дар онҳо ҳарфи зиёдатӣ нест, ҳама пухтаву салису равонанд.

Дар ғазалҳои форсии тоҷикии Бобур муҳаббати инсониву дунявӣ тараннум гардидаанд. «Ман»-и ғазалҳои ӯ ринду ошиқанд. Матлаи ғазали аввалини ӯ бо тасвири висолу ҳиҷрон оғоз меёбад:

*Эй моҳ, шоми висоли ту субҳи саодат аст,*
*Рӯзи ҷудоии ту вале шоми меҳнат аст.*

«Моҳ»-и мани шеърӣ маҳбуба аст. Шоир тавассути санъати истиора ба ӯ мурочиат менамояд. Бино ба таърифи шоир шоми висол субҳи саодат аст. Ҳарчанд шом ифодагари торикист, аз он ки бо чароғи васл мунаввар мегардад, субҳи саодат аст. Байт дар асоси санъати тазод сохта шудааст, яъне «шом» – «рӯз», «субҳи саодат» – «шоми меҳнат».

*Ҷонам бикун ҷароҳату роҳат расон ба дил,*
*Аз ту ба ҷони хаста ҷароҳат чу роҳат аст.*

Ҷароҳате, ки ёр ба қалби хастаи ошиқ мерасонад, дар асл роҳат аст. Ин аст, ки ошиқ илтиҷо мекунад: ҷонамро захмӣ гардон, ки бо ин қалбам роҳат кунад. Дар ин байт вожаҳои «ҷароҳат»-у «роҳат» ба сифати қофияҳои дарунӣ омадаанд.

*Аз коми ҷоми бода бигиранд коми дил,*
*Акнун, ки вақти бодаву ҳангоми ишрат аст.*

Дар байти чоруми ин ғазал кайфияти риндона ифода гардидааст. Шоир мегӯяд: чун фурсати май хӯрдану ишрат фаро расидааст, аз гулӯи ҷоми қалб нӯши ҷон мекунад. Дар сатри аввал вожаи «ком» ду бор омадааст, ки яке ба маънои ҳалқ, гулӯ, дигаре ба маънои мақсаду мурод аст. Дар байти мақтаъ доир ба ғанимат будани лаҳзаҳои баҳрагирӣ аз висоли ёр сухан меравад:

*Гар рехт хуни ту, зинҳор дам мазан,*
*Хуш бош, Бобуро, ки ҳамин дам ғанимат аст.*

Ёр – ситамкор. Хуни ошиқро рехтан одати ӯст. Ошиқ, ҳарчанд ёр дар қасди рехтани хуни ӯст, баҳрабардориро аз висоли ӯ ғанимат мешуморад.

Ғазали дуюми форсии тоҷикии Бобур низ ошиқонаю риндона аст. Дар байти матлаъ ишқи азалию илоҳӣ васф карда мешавад:

*Лоларо доғ аз он дам, ки ба дил ҳосил буд,*
*Доғи ишқи ту маро лоласифат дар дил буд.*

Дар байт доғи ишқи қалби ошиқ бо доғи сиёҳи дили лола мавриди муқоиса қарор гирифтааст. Яъне ишқи азаливу абадӣ – аз рӯзи пайдоиши доғ дар дили лола, доғи ишқи ту дар дили ман вуҷуд дошт. Дар байти мақтаъ ҳолати ақлу ишқ муқоиса карда шудааст:

*Бобур, аз ақли фурӯмонда чӣ ташвиш кунӣ,*
*Эй хушон дам, ки зи май бехуду лояъқил буд.*

Дар адабиёти Шарқ ақлу ишқ ҳамеша дар ихтилофанд, ин ҷо ақл дар ҳолати мағлуб дар назди ишқ тасвир шудааст. Ақлу ишқ дар шеърҳои ғаноӣ образи фаъоланд. Дар байт май рамзи ишқ аст. Бобур ба худ рӯ оварда гуфтааст: эй Бобур, аз маҳзунии ақл ва мағлубият ғам махӯр. Вақте май менӯшӣ, дар ҳолати мастӣ аз ақл бегона хоҳӣ шуд. Яъне майи ишқ ба ақл пирӯз меояд, онро заиф мегардонад. Дар фалсафаи кайфияти риндона майи ишқ ба ақл, бо вуҷуди ҳушёру доно будан, пирӯз мегардад.

12 рубоии куллиёт мазмуни ишқиву фалсафӣ ва ахлоқӣ доранд. Дар ду рубоии зерин шоир муштоқи зане бо номи Ҳанифа будани худро изҳор доштааст:

*Хоҳам, ки Ҳанифа ғамгусорам бошад,*
*Дармону давои дили зорам бошад.*
*Ҳар рӯзу ҳама шаб зи Худо мехоҳам,*
*Яъне шабу рӯз дар канорам бошад.*

***

*Рӯйи чу маҳи Ҳанифаро банда шавам,*
*Мӯйи сияҳи Ҳанифаро банда шавам.*
*Хӯйи табаҳаш гарчи балои ҷон аст,*
*Хӯйи табаҳи Ҳанифаро банда шавам.*

Номи Ҳанифа дар дигар асарҳои Бобур ба чашм нарасид. Рубоиҳои мазкур бозгӯйи онанд, ки Бобур ба зане бо номи Ҳанифа муҳаббат доштааст. Ҳар шоирро то ҷое хӯю хислати дарвешӣ хос аст. Дар шахсияти як инсон таҷассум ёфтани хислати шоҳию дарвешӣ мароқангез аст. Дар як рубоии Бобур ин мушкил басе зебо бо либоси бадеият пероста шудааст:

*Дарвешонро гарчи на аз хешонем,*
*Лек аз дилу ҷон муътақиди эшонем.*
*Дур аст магӯй шоҳӣ аз дарвешӣ,*
*Шоҳем, вале бандаи дарвешонем.*

Қитъаҳои тоҷикии Бобур хусусияти фалсафӣ, маърифатӣ ва тарҷумаиҳолӣ доранд. Шоир дар қитъаи зер ба мазамматy маломати хеш пардохтааст:

*Дар ҳавои нафси гумраҳ умр зоеъ кардаем,*
*Пеши аҳлуллоҳ аз афъоли худ шармидаем.*
*Як назар бар мухлисони хастадил фармо, ки мо*
*Хоҷагиро мондаему хоҷагиро бандаем.*

Ин қитъа шояд баъди таҷрибаи ҳаётӣ андӯхтани шоир, дар бузургсолӣ навишта шудааст. Муаллиф аз беҳуда гузаштани умр дар роҳи нафс пушаймонии худро изҳор доштааст. Гуфтааст: мо хоҷагӣ, яъне ҳукмронӣ кардему дар охир ба хоҷагони Нақшбандия банда шудем. Пас маълум мешавад, ки Бобур низ ба тариқати хоҷагон гаравида будааст.

Фардҳои Бобур низ осори сермазмунанд. Дар онҳо шахсият, тафаккур, ҷаҳонбинии фалсафӣ ва маҳорати бадеии Бобур таҷассум ёфтаанд. Дар фарди зерин қиёфаи риндии Бобур ба назар мерасад:

*Хароботиву ринду бутпарастам,*
*Ба олам ҳарчи мегӯянд, ҳастам.*

Яъне ман аз аҳли хароботам, ринду майпарастам, оламиён дар бораи ман ҳарчи фикр мекунанд, ман ҳамонам. Фарди поёнӣ ошиқона аст:

*Ҳеч кас чун ман харобу ошиқу расво мабод,*
*Ҳеч маҳбубе чу ту бераҳму бепарво мабод.*

Бобур дар ин фард аз санъати тазод истифода кардааст.

Ӯ дар шеърҳои туркиаш вожаҳои «ёр»-у «диёр»-ро паҳлӯи ҳам ба кор бурдааст. Дар шеърҳои тоҷикиаш низ ин ҳолат дучор мешавад:

*Ҳастем хору зор асиру ғариб ҳам,*
*Дур аз диёру ёр, меҳнатқариб ҳам.*

Ё:

*Аз ёру аз диёр чун ман бенасиб нест,*
*Гар ёр бандаро бинавозад, ғариб нест.*

Бобур дар шеърҳои тоҷикиаш аз санъати тарсеъ бо маҳорати ба худ хос истифода кардааст:

*Ба сероба боз ор он кӯфта,*
*Басеро ба бозор он кӯфта.*

Дар ин байт вожаҳои сатри дуюм бо вожаҳои сатри якум ҳамқофия буда, санъати тарсеъро ташкил додаанд. Барилова, вожаҳо дар сатрҳо такрори маҳз нестанд, шакли баъзе вожаҳо тағйир ёфтааст. Масалан, ибораи «Ба сероба» дар мисраи дуюм дар шакли «басеро ба» омадааст, ки мазмунан аз якдигар фарқ мекунанд. Вожаҳои «боз ор» ва «бозор» низ мисли ҳамин аст.

Бад-ин тариқ, метавон натиҷа гирифт, ки Заҳириддин Муҳаммад Бобур шоир ва мутафаккири бузурги зуллисонайнест, ки ба ду забон: туркӣ ва тоҷикӣ-форсӣ озод хома рондааст. Шеърҳои тоҷикии ӯ низ мисли шеърҳои туркиаш содаву равон ва пурҷозибаанд.

**Нусратулло ҶУМЪАХОҶА,**
**доктори илмҳои филологӣ, профессори Донишгоҳи забон ва адабиёти ӯзбеки ба номи Алишери Навоӣ.**

# ДАР ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ – МАКОНИ САБЗ БО ҲАМ ЗИНДАГӢ КУНЕМ!

## МУРОҶИАТИ

### фаъолони маҳаллаҳо, намояндагони насли калонсол, зиёиён, занону ҷавонони Ўзбекистон ба мардум

(Аввалаш дар саҳ.1).

Халқи донои мо ҳикмати пурмаънои **«Аз нек – боғ»**-ро дорад.

Ба арзишҳои миллии худ содиқ монда, ба анъанаҳои халқи худ ҳамоҳанг шуда, ки дар он шинондани дарахт бахшида ба таваллуди кўдак дар оила, бо усули ҳашар бунёд намудани боғу хиёбонҳо ва кабудизоркунии шафати биноҳо анъана шудааст, мо **ташаббуси дар ҳар як хонавода шинондан ва рўёндани 20 бех ниҳоли дарахтро пеш мегузорем**.

Шумо инро чӣ хел қабул мекунед, ки мо **ба анъанаи нав** – дар рўзҳои тўй ва дигар тантанаҳои фараҳбахш шинондани ниҳол **асос мегузорем**?! Ин оғози хуб хоҳад буд, ҳамин тавр не?

**Муҳтарам фаъолони маҳалла, пирони кўча ва кумитаи гузарҳо!**

Дар баъзе маҳаллаҳо, кўчаҳо ва гузарҳо ҳанўз бисёр ҷойҳои холӣ ҳастанд, ки дар онҳо ниҳолҳо шинонда нашудаанд. Вазифаи навбатии мо аз ба боғу гулгашт табдил додани ин ҳудудҳо, ба ин васила **мустаҳкам кардани ризоият ва ҳамҷиҳатии сокинони маҳалла, васеъ гардондани лоиҳаҳое, ки ба ободонии ҳудудҳо ва некуҳолии аҳолӣ нигаронда шудаанд, иборат аст**. Барои ин дар ҳар як маҳалла мо бояд «боғҳои маҳаллаҳо» ташкил диҳем, минтақаҳои сабзро зиёд гардонем, намуна шуда, аввал хона ва кўчаи худро обод гардонда, ба **лоиҳаи умумимиллии «Макони сабз»** ҳисса гузорем.

**Дар парвариши ҳар як ниҳол ва нигоҳубини он** бояд фаъолони маҳаллаҳо ва ширкатҳои идоракуниву хидматгузорӣ ғайрат ва фидокорӣ нишон диҳанд. Барои ин **масъул** таъин намудани **«ҳафтгонаи маҳалла», оқсақолони кўча ва манзилҳои истиқоматӣ, инчунин соҳибони хонаву ҷой** ба мақсад мувофиқ мебуд.

**Муҳтарам намояндагони насли калонсол!**

Таҷрибаи ҳаёт, дуо ва нияти шумо ҳамеша ба халқи мо ҳамчун такягоҳ ва мадади бузург хидмат мекунад.

Мо аз шумо, беш **аз се миллион** нафар собиқадорони гиромӣ дар самти татбиқи лоиҳаи умумимиллии «Макони сабз» дар маҳаллаҳо, ташкил намудани шинондани ниҳолҳо аз ҷониби аҳолӣ фаъолият ва ташаббуси боз ҳам бештарро интизорем. Намунаи ибрат, панду насиҳат ва тавсияҳои шумо барои ҳамаи мо муҳим аст.



Агар ҳар як насли калонсоли мо **як бехӣ ниҳол шинонад**, зиёда аз **3 миллион** дарахти нав ба вуҷуд меояд. Ё ин ки агар ҳар кадоми онҳо **10 нафар ҷавононро** ба чунин кори хайр ҷалб намояд, ин рақам **даҳ баробар** меафзояд.

**Деҳқонону фермерони муҳтарам, соҳибони қитъаҳои наздиҳавлигӣ!**

Шумо бо меҳру муҳаббати худ ба замин дар истифодаи оқилонаи ҳар як ваҷаб замин, шинондани ниҳол ва бунёд намудани боғ саҳми калон мегузоред. Дар бораи ниҳолҳо сухан ронда, бояд гуфт, ки дар мамлакати мо якуним ҳазор хоҷагии фермерию деҳқонӣ, соҳибони заминҳои наздиҳавлигӣ зиёда аз **81 миллион** бех ниҳолҳои тут, ангур, сафедор, чормағз ва ғайра парвариш мекунанд.

Агар дар идомаи чунин кори наҷиб ҳар як соҳибхона дар қитъаи замини наздиҳавлигии худ, дар гузари маҳалла ва кўча **10 бех ниҳол** шинонад, дар он сурат дар ҷумҳурӣ ба ҳисоби миёна **55 миллион бех дарахт** парвариш карда мешавад.

Агар фермерони мо дар асоси тамоюли «Як майдон – як маҳсулот» кор карда, дар замини худ ниҳоли **тут, ангур, сафедор ва дигар дарахт** парвариш кунад, ҳар як ваҷаб замин ба боғу бўстон табдил меёбад.

**Муҳтарам намояндагони аҳли зиё, арбобони илм, адабиёт, санъат, варзишгарон!**

Иштироки фаъолонаи шумо дар дастгирии ташаббусҳо оид ба саҳмгузорӣ дар рушди Ватанамон муҳим аст.

Ҷавонони мамлакат ба шумо – арбобони намоёни эҷодӣ, зиёиён ва ситораҳои варзиш бо ҳавас нигоҳ мекунанд.

Аз ин рў, мо дар мавсими ниҳолшинонии тирамоҳӣ дар кишварамон **ташаббусҳои нав, корҳои амалӣ ва ибрати шахсиро** интизорем.

**Модарони гиромӣ, хоҳарони азизи мо!**

Шумо ба хонаву маҳаллаҳои мо зебоӣ ато менамоед.

Мисли модарони мо табиат муқаддас аст! Мафҳумҳои модар ва табиат ҳамоҳанг ва ба ҳам алоқаманданд. Биёед дар шуури фарзандонамон маҳорати қадршиносии табиатро чунон ки мо модаронро эҳтиром мекунем амиқ парварем.

Бигузор авлоди мо мисли падарону бобоёни мо бунёдкорони боғу бўстон ва ҳимоятгарони табиати ватани мо гарданд! Танҳо ҳамин тавр мо метавонем табиатро ҳифз карда, онро ба наслҳои оянда супорем.

Дар айни замон он чиз хурсандиовар аст, ки ғояи **«Модарон – барои кишвари сабз»** анъанавӣ гардида, дар маҳаллаҳо **«Боғҳои модарон»** ташкил карда мешаванд. Дар ин кор низ саҳми муносиби ҳаракати «Оқила аёллар» дар қариб 10 ҳазор маҳалла фаровонии назаррас аст. Вазифаиояндаи мо аз он иборат аст, ки **чунин кори хайрро дар байни аҳолӣ васеъ оммавӣ гардонем**.

**Писарону духтарони азиз!**

Шумо – бунёдкорони қувваи Ўзбекистони Нав! Дар муваффақ гардидан ба марраҳои баланди халқи мо дониш ва нируи зеҳнӣ, қувваву ғайрат, садоқат ва муҳаббати шумо ба Ватан бебаҳост.

Модар-заминро эҳтиёт карда, ба он меҳр диҳед. Бароиояндаи дурахшон имрўз **дар назди хона, дар кўча, маҳалла ниҳол шинонда, дар бунёд намудани «Боғи ҷавонон» дар ҳудуди худ ташаббус нишон диҳед!**

Ҳамеша дар ёд дошта бошед, шумо фарзандони Ўзбекистон ҳастед, саҳми шумо ба некуҳолии падару модари шумо, маҳалла ва тамоми халқи мо хидмат мекунад.

**Ҳамватанони азиз!**

Биёед ниҳолшинонӣ ва нигоҳубини онҳоро на қарз, балки **ҳамчун арзиш** қабул намоем.

Бигузор ҳар яки мо, **вазифаи худро дар назди наслҳои оянда амиқ дарк намуда, лоиҳаи «Макони сабз»-ро ба ҳаракати миллии умумихалқӣ табдил диҳем!**

Биёед, Ватани ободу шукуфонро ба фарзандони худ мерос гузорем!

*Ўзбекистони Нав – ҳамсоягии нек*

# НБО РОҒУН: ТАҶАССУМИ ҶУРЪАТ, ҚУДРАТ ВА МАТОНАТ

## 2. Неругоҳи Роғун Вахшро ба оғўш гирифт

Дар мақолаи аввал қайд карда будем, ки дар дарёи Вахш силсиланеругоҳҳои Норак, Шўроб, Бойғозӣ, Сангтўда-1, Сангтўда-2, Марказӣ бунёд гардидаанд. Аммо имрўз сароғози ин силсиларо ГЭС-и Роғун ташкил медиҳад. Агар НБО-и Норак



дар шаҳре, ки аз пойтахт дар масофаи 60 км дуртар бунёд шудааст, неругоҳи нав дар масофаи қариб 120 километр аз шаҳри Душанбе сохта мешавад.

Мо – гурўҳи журналистони ўзбекистонӣ дар ҳайати сармуҳаррирони рўзномаҳои «XXI asr» Норқобил Ҷалил, «Ҳуррият» Абдурасул Ҷумъақул ва корманди телеканали «Маҳалла» Рўзибой Қўлдошев ва камина бо ҳамроҳии корманди масъули Вазорати энергетика ва захираҳои оби Тоҷикистон Олимҷон Азимов ба дидани ҷараёни сохтмони неругоҳе, ки чанд соли охир манбаи баҳсу мунозираҳо ҳам дар дохили Тоҷикистон (дар замони шўравӣ) ва ҳам берун аз он шуда буду сарфи назар аз онҳо ба сохтмонаш бо ҷидду ҷаҳди баланд оғоз карданд, омадем.

Бояд гуфт, ки сохтмони ин иншооти бузурги гидроэнергетикӣ мебоист охири солҳои 70-уми асри гузашта, дар асоси лоиҳаи институти ҳозираи «Тошгидропроект» оғоз меёфт. Аммо дар амал сохтмони ин маҷмааи гидроэнергетикӣ ва ҳам шаҳри дувуми энергетикҳо – Роғун соли 1986 сар шуд. Охири соли 1987 пеши маҷрои дарёи Вахш баста шуд. Аммо он солҳо дар худи ҷумҳурӣ нисбати сохтани ин иншооти муҳими барои минтақа муҳими энергетикӣ нуқтаи назарҳои мухталиф ва зид баён шуданд. Пош хўрдани Иттифоқ ва ҷанги дохилӣ дар ин кишвари зебоманзари кўҳистон ҷараёни сохтмонро қатъ намуд.

Фақат аввали солҳои 2000-ум барои ҷомаи амал пўшонидани ният ва орзуи неругоҳи мазкур имконият фароҳам омад. Ва ҳамин тавр дар солҳои гузашта дар ин гўшаи кўҳистон ҷабҳаи матонату фидокорӣ сар шуд. Соли 2007 Ҷамъияти саҳҳомии кушоди «НБО Роғун» таъсис ёфт. Оғоз ёфтани сохтмони ин иншооти азими гидроэнергетикиро мардуми Тоҷикистон ба азму ирода ва шуҷоати Президент Эмомалӣ Раҳмон вобаста медонанд.

29 октябри соли 2016 бунёди сарбанди неругоҳ оғоз гардид. Он рўз Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон савори булдозери вазнин шуда, расо якуним соат бо пеш кардани сангу шағал маҷрои дарёи Вахшро баста, ба бунёди сарбанди Неругоҳи барқи обии Роғун ҳусни оғоз бахшид.

Ин сарбанд бояд обанбори бузургро ба вуҷуд оварда, ҳаҷми умумии оби обанбор 13,3 километри мукааб ва ҳаҷми фоиданоки он 10,3 километри мукаабро бояд ташкил диҳад. Садди обанбор 335 метр бардошта мешавад, ки ин дар дунё баландтарин сарбанд ба шумор меравад. Бояд гуфт, ки ин сарбанд ҳам бо сангу шағал сохта мешавад. Чуноне ки журналист ва шоири намоён Нозир Ёдгорӣ дар китобаш «Корнамоӣ дар марзи номус» навиштааст, «Барои баланд бардоштани садди обанбор, ки ҳаҷми поёни он 1,5 километрро ташкил медиҳад, қариб 81 миллион метри мукааб сангу шағал ва дигар ҷинсҳои кўҳӣ истифода бурда мешавад. Сарбанди обанбор ба зилзила тобовар аст, чунки қишрҳои дар натиҷаи зилзила пайдошуда, аз сангу шағал пур мешаванд ва он аз нав мустаҳкам мегардад».

Вақте вориди идораи бинои маъмурии неругоҳ шудем, масъулон барои мо як филми мустанадро оид ба оғози сохтмон ва маросими ботантанаи агрегати якум ва дуюми неругоҳ намоиш доданд, ки барои мо дар бобати ошноӣ бо ин объекти азим хеле мусоидат намуд. Дарвоқеъ ин бино дар баландии 1400 метр аз сатҳи баҳр ҷой гирифтааст.

Тоскулоҳ ва либоси махсусро пўшида, бо роҳбаладии сардори раёсати мониторинги муҳандисии неругоҳ Нуруллоҳ Абдуллоев ҷониби бағалкўҳ, ки ин «Кохи нур» бунёд мегардад, раҳсипор шудем. Мошин бо роҳҳои пурпечутоб ва чандин километр нақбҳо (туннелҳо) гузашта, ба сарбанди сохтмонаш нотамом моро овард. Умуман, дар ин иншооти кўҳӣ беш аз 80 километр туннелҳои таъиноташон гуногун ба истифода дода шудааст. Албатта баъди он, ки сохтмон интиҳо меёбад, баъзе аз ин нақбҳо пўшида мешаванд. Ҳоло аз тариқи ин нақбҳо даҳҳо мошинҳои боркаш сангу шағал мекашонанд.

Бояд гуфт, ки ҳоло сарбанд бо об пур нест. Барои пур кардани обанбор 20 сол зарур аст. Дар ин асно оби зарурӣ ба поён ҷорӣ мегардад.

Ба саволи журналистони мо «Оё сохтмони неругоҳи Роғун ба кам шудани об барои поёноби Вахш ва дар ниҳояти он норасоии об барои кишварҳои ҳамсояи минтақа, аз ҷумла Ўзбекистон сабаб намешавад?» Нурулло Абдуллоев чунин эзоҳ дод:

– Оре, буданд ин гуна баҳсҳо. Дар мавриди истифодаи баробари захираҳои об бо иштироки намояндагони кишварҳои минтақа комиссияи махсуси тақсими об ҳаст. Ҳар як давлат ҳаққи худро дар об дорад. Мо ҳангоми ҷамъоварии об чунин графикро кор мебарем, ки дар поён ҳеҷ тарафе зарар набинад. Дар ин бобат, мутахассисони соҳа, олимон, вазоратҳо мунтазам гирди ҳам меоянд. Фоидаи ин обанбор дар чӣ аст? Мо вақти камобӣ дар поёни дарёҳо оби



ғуншударо ба поён мепартоем. Беҳуда сарф намекунем. Инчунин ба ҳамин васила хавфи обхезиро низ гирифта метавонем. Конструксияи ин сарбанд ба 9 балл зилзила тобовар аст.

Болои сарбанд ба як майдони бузурги варзишӣ монанд аст. Агрегатҳои неругоҳ ҳам на дар берун, балки дар дохили бино ҷойгир аст. Мо ду агрегати имрўз мавриди истифодаро дидем. Кранҳои беш аз 500 тонна вазнро бардоранда барои гузоштани агрегатҳои навбатӣ омодаанд. Агар 6 агрегати неругоҳ ба кор дарояд, Роғун ба иқтидори лоиҳавиаш – 3600 МВт мерасад.

Бино ба нақли сардори раёсати мониторинги муҳандисӣ Н. Абдуллоев, аз соли 2010 то соли 2014 аз тарафи Бонки ҷаҳонӣ барои асоснок кардани бехатарии сарбанди неругоҳ даҳҳо нафар мутахассисон, коршиносони мустақили кишварҳои гуногун ин ҷо даъват шуданд. Онҳо пас аз баррасии тамоми иншоот, 33 хавф, таъсири иҷтимоию экологиро омўхтанд ва дар ҷамъомади худ дар шаҳри Алмаатои Қазоқистон моҳи августи соли 2014 хулосаи хотимавиашонро доданд. Ва ҳатто аз нигоҳи иқтисодӣ бар манфиати минтақа хизмат кардани неругоҳро таъкид карданд.

Ду тараф кўҳпораи баланд. Дар байн дара. Дар ин дара аз ду тараф садҳо нафар коргарон ба бағали кўҳ часпида, барои поён нафаромадани сангҳо чораҳои сохтмонию бехатарӣ мебинанд. Дар ибтидо то 21 ҳазор нафар коргар меҳнат мекард. Бо мурури вақт ҳаҷми кор ҳам коҳиш мешавад. Дар иншоот байни мутахассисон чандин забони хориҷӣ садо медиҳад. Агар неругоҳ пурра ба кор дарояд, дар як сол беш аз 17 млрд. кВт/соат неру медиҳад.

Ростӣ, ҳангоме ки суханони Нурулло Абдуллоевро шунидем, қоил мондем, ки ин ҷо мутахассисони хеле кордон ва соҳибтаҷриба заҳмат мекашанд. Акаи Нурулло 15 сол дар неругоҳи Норак кор кардааст. Охирин ҷойи кораш неругоҳи Бойғозӣ будааст.

– Роғун орзуи ман аст, – мегўяд ў. – Маошам нисбат ба кори пешина 50 фоиз кам шуд. Лекин ман ба орзуям расидам, ки дар бунёди ин «Қасри нур» кор мекунам. Ин ҷо як академияи неругоҳсозиро мебинам.

Сипас, қисми ядрои пойдеворро, ки 25 метр баландӣ дорад, дидем. Боз 310 метр бардошта мешавад. Ҳамин тавр, 16 ноябри соли 2018 агрегати якум, 9 сентябри соли 2019 агрегати дуюми неругоҳ ба истифода супурда шуд, ки бешак, дар таърихи Тоҷикистони мустақил воқеаҳои фаромўшнопазир аст.

Бо як сухан гуфтан мумкин аст, ки неругоҳи Роғун олами муъҷизаҳо, таҷассуми амалии неру ва тафаккури инсонӣ, ифодаи қобилияти ташкилотчигии роҳбарияти кишвар ва корхонаи азим ба шумор меравад.

## 3. Ҳамкорӣ баҳри фардои дурахшон

Ўзбекистон ва Тоҷикистон наздиктарин ҳамсояанд, халқҳои тоҷику ўзбек бо ҳам бародаранд. Мо ба шарофати муносибатҳои неки ҳамсоягӣ, ки бо иқдоми сарварони ду кишвар – Шавкат Мирзиёев ва Эмомалӣ Раҳмон ба амал омад, дар ҳамаи соҳаҳои зиндагӣ ҳамкориҳои судмандро инкишоф дода истодаем. Ҳамкорӣ ва ҳосил шудани ҳусни тафоҳум дар мавриди истифодаи захираҳои об барои тақдири халқҳои бо ҳам дўсту ақрабо хеле муҳим аст. Миёнаи моҳи сентябри соли ҷорӣ Президенти Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев дар маҷлиси Шўрои сарони давлатҳои муассиси фонди байналмилалии Наҷоти Арал нутқ карда, зимнан оиди рушд додани ҳамкориҳо дар мавриди истифодаи захираҳои оби минтақа пешниҳодоти судмандро баён намуд. Дар навбати худ Ўзбекистон барномаи стратегии сарфаи обро таҳия карданист.

– Хуб шуд, ки муносибати байни давлатҳои мо солҳои охир ба сатҳи ҳамкории стратегӣ баромад, – мегўяд, сардори Раёсати робитаҳои байналмилалии Вазорати энергетика ва захираҳои оби Тоҷикистон Парвиз Яҳёев. – Ҳоло воситаи муҳими техникӣ барои иншоотҳои ирригатсия ва гидротехникӣ, аз ҷумла барои НБО Роғун бе ҳеҷ мушкилӣ аз тариқи Ўзбекистон интиқол дода мешаванд. Ғайр аз ин мо дар бораи истифодаи якҷояи системаи энергетикӣ мунтазам машварат карда, ба ду халқи бародар хизмат мекунем. Мутахассисони мо ба Тошканд рафта, пешниҳодҳо ва ҳаҷми зарурии эҳтиёҷ ба неруро меомўзанд. Агар НБО Роғун пурра ба кор дарояд, бар манфиати минтақа хоҳад шуд.

8 октябр Агентии миллии ахбороти Тоҷикистон «Ховар» хабареро зери унвони «Роғун – шаҳри ояндадори сайёҳӣ дар Тоҷикистон. Обанбори неругоҳи «Роғун» ба мавзеи ҷолиб табдил ёфта, таваҷҷуҳи сайёҳони дохилию хориҷиро ҷалб менамояд» мақолаи пурмазмунро интишор кард. Яъне, минбаъд нафақат хабарнигорон, балки сайёҳони ўзбекистонӣ низ аз ин гўшаи назаррабои Тоҷикистон дидан менамоянд.

**Шоқаҳҳор САЛИМОВ.**

*ТОШКАНД – ДУШАНБЕ – ТОШКАНД.*

*ОБУНА –2024*

# КОРҲОИ МАЪНАВӢ-МАЪРИФАТИИ МАКТАБ

Инак, боз фурсат фаро расид, ки мо ба нашрияҳои дилхоҳ ва дўстдоштаи худ номнавис шавему тўли як сол хонем, мутолиа намоем. Дар ин қабил корҳо нақши мактаб, муассисаҳои таълимӣ назаррас аст. Зеро омўзгорон, ба қавле, виҷдони бедори ҷомеа мебошанд. Онҳо ба тоифаи дигари аҳолӣ аз нигоҳи маънавият ва маърифат намунаи ибратанд.

Ҷамоаи омўзгорони мактаби таҳсилоти ҳамагонии рақами шашуми ноҳияи Янгиободи вилояти Ҷиззах ҳам ба маънавияту маърифат рў меоваранд, меомўзанд, бо ин роҳ дониши худро фарох менамоянд.

– Мо рўзнома ва маҷаллаҳои дўстдоштаи худ, аз ҷумла «Овози тоҷик», «Ховар», «Дурдонаи Шарқ»-ро дастрас менамоем, – мегўяд ҷонишини директор оид ба корҳои маънавию-маърифатии мактаб Ситора Гулмуродова. – То қадри тавон ба онҳо обуна ҳам мешавем. Рўзнома ва маҷалла, китобҳои бадеӣ дониши моро афзун мекунад.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

# ҲАСРАТ

(Аввалаш дар саҳ.3).

Шаби рўзи ҳафтум даромаду аспони худогоҳ бо беқарорӣ қарори мулоқот карданд ва дар селобрави дараи Ниҳондара, ки аз чашми ҳама пинҳон буд, гирди ҳам омаданд. Бештар аспони хунгарму шуҷоъ ва онҳое, ки аслашон зотӣ буд, аз гузарҳои Бодпой, Тавсан, Ҷурда, Саманд ҷамъ шуданд. Суҳбати маҳрамона, таъйини роҳкори баъдина сурат гирифт. Калонсолтарин аспи бодпойӣ, ки Шуҷоъ ном дошт, бо шўр гуфт:

– Бо ин ҳол рустодорамон моро ба бунбаст мебарад, кам-кам аз мои соҳиб чизе намемонад! Ман мегўяму шумо ба ҳар ду гўшатон бишнавед, ошноён! Ин чӣ гап, аз миён як фасли сол нагузашта мо аз чандин ҳамроҳу пештози тавонои худ ҷудо шудем. Барои чӣ? Ба хотири чӣ? Ин гўшдарозу ҳангиҳои дарбадар ба ҷони мо бало шуданд, ба ҳар куҷо нигоҳ мекунӣ аз ин зоти аблаҳ ба чашмат мехўрад, гўё «замин кафида каллаи хар баромадааст». Фикр мекунанд ин ҷо манзилу макони худашон аст, аз ҷавлон задану хушҳолӣ кардан сар намебардоранд. Ҳоло ба ин разилон ҳарф зану бин: сарварони худамон ҳамон замон ҳам ҷазо медиҳанд, ҳам кафши поятро дар пешат мегузоранд. Бо ин ҳол намешавад муросо кард!

Байтали ҷасури тавсанӣ ба исми Шабнам, ки бо зиракӣ ва ҳушёрии худ доиман дар саргаҳи Аспобод мегашт ва пайваста ба аспони дигар роҳкор нишон медод, аз шўру қиёми Шуҷоъ ҷонибдорӣ карда гуфт:

– Ҳар як сухани бародарамон ҳақиқат аст! Аз хоби гарон бархезед, самандҳои далеру пурдил! Мо набояд ба тақдири дўстони шиканҷадидаамон бетараф бимонем, ин ниҳояти тарсуӣ ва лаинӣ аст! Ҳеч ба ақлам намеғунҷад, наход ки ба хотири ду-се хари аҳмақ мо азият кашем?! Ин чӣ бедодӣ аст, ин чӣ бетараҳҳумӣ аст, азизон?! Ҳоло фурсат дорем, бояд аз пайи Шуҷоъи бародар равем, дар ин дамҳое, ки ба сарамон мусибат уфтодааст, бо ҳам бошем, сарҷамъ шуда одоби ин аблаҳонро диҳем!

– Бале, ин меҳмонони нохондаро мезанем, аз рустоямон меронем! – бо таъкид гуфт Шуҷоъ.

Тўдаи аспони ошўбгар ба ў ҳамовоз шуда, чанд бор бо садои расо такрор карданд: «Мезанем, аз рустоямон меронем!», «Мезанем...!»

(Давом дорад).

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпўлод ВАКИЛОВ

Рўзнома ҳафтае ду маротиба: рўзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рўзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадей, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рўзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рўзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рўйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-1025.
Адади нашр 4544. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: Н. Нодирова.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тўхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 00.00

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кўчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кўчаи Буюк Турон, хонаи 41.